**АХБОРИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ШУЪБАИ ИЛМҲОИ ҶАМЪИЯТШИНОСӢ №2, 2015**

**ИЗВЕСТИЯ АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**
**ОТДЕЛЕНИЕ ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК №2, 2015**

**УДК: 891. 550 (09)**

**ҚАЛАНДАРОВА Д.**[1]

# ҲОТАМ КИСТ? ВОҚЕИЯТ ВА РИВОЯТ ДАР БОРАИ ҲОТАМИ ТОЙ

Симои Ҳотами Той ҳамчун шахс дар осори илмию таърихӣ ва адабию гуфторҳои халқии Арабу Аҷам интишор ёфта, қабл аз хуруҷи ислом то ин замон ворид гардидааст. Дар офаридаҳои халқ, сарчашмаҳои илмию таърихӣ ва адабӣ симои номварони таърихи воқеъӣ ва хаёлӣ дучор меоянд, ки эшон бо амали хайр ё шарр шуҳрат ёфта, то рӯзгори муосир расидаанд.

Ҳотами Той фарзанди Абдуллоҳ банни Саъд банни Маканӣ маъруф ба “Абусафота” аз қабилаи “Тай”, ки дар асри VI то ислом зиндагӣ кардааст. Ӯ марди бахшанда ва ҷавонмард будааст.

**Калидвожаҳо:** таърихӣ, саховатмандӣ, араб, сарчашмаҳо, Араб, Аҷам, Ҳотами Той, симои таърихӣ.

Дар офаридаҳои халқ, сарчашмаҳои илмию таърихӣ ва адабӣ симои номварони таърихи воқеъӣ ва хаёлӣ дучор меоянд, ки эшон бо амали хайр ё шарр шухрат ёфта, то рӯзгори муосир расидаанд. Мисли Нӯшервони Одил, Бузургмехр, Намруд, Шаддод, Яъқуб, Юсуф, Нӯҳ, Искандар, Қорун, Лукмони Хаким, Ҳотами Той, Абумуслим ва амсоли инҳо.

Фазилати инсонӣ чунин аст, ки дилҳои халоиқ ҷавонмардонро дӯст дорад, ҳарчанд, ки аз эҳсони онҳо баҳрае ба онҳо нарасида бошад ҳам. Масалан, агар мардум шунаванд, ки дар фалон гӯшаи дунё шахсе кариму саховатманд ва ҷавонмард аст, ҳама ӯро дӯст хоҳанд дошт ва офаринаш хоҳанд хонд. Балки агар каримеро, ки дар қайди ҳаёт набошад ҳам ёд кунанд ва санои ӯ гӯянд. Чунончи Ҳотами Тойро дар ҳар мавриде ёд мекунанд ва чандин асрҳост, ки номи ӯро барои тарбияи мардумони сину соли гуногун истифода мебаранд.

Бисёр бо таассуф тазаккур бояд дод, ки то кунун осори ин суханвари соҳибсалиқаву хушзеҳни фозил дар миёни адабиёти ҳаммаслаконаш тадқиқу тадбиқи ҳамаҷонибаи илмию адабии худро дарёфт накардааст. Чун кори илмии банда кушодани образи Ҳотами Той дар адабиёти форс – тоҷик мебошад, баъзе сарчашмаҳоро дар бораи ин шахсияти таърихӣ пайдо намудам.

Бо кӯмаки сафорати Арабистони Саудӣ ва интернет аз забони арабӣ баъзе маълумотҳои ҷолиброро дар бораи Ҳотам пайдо намудам, ки бар шахсияти таърихӣ будани ӯ далолат менамоянд.

[1] **Адрес для корреспонденции:** Қаландарова Дунё – преподователь Таджикского государственного педагогического университета им. Садриддина Айни. 734019, Республика Таджикистан, мкр. Зарафшон, 22/7 кв. 9. Тел.: 90-100-88-84.

Симои Ҳотами Той ҳамчун шахс дар осори илмию таърихӣ ва адабию гуфторҳои халқии Арабу Аҷам интишор ёфта, қабл аз хуруҷи ислом то ин замон ворид гардидааст.

Ҳотами Той фарзанди Абдуллоҳ бани Саъд бани Маканӣ маъруф ба «Абусафота» аз қабилаи Тай, ки дар асри VI зиндагӣ кардааст, марди бахшанда ва ҷавонмард буд. Дар эҷоди халқ ҳикоёту ривоёти бешумор ба Ҳотами Той мансуб дониста шудаанд.

Ҳотами Той (ба арабӣ Ҳотам-алтои)фарзанди Абдуллоҳ (605?))м. аз бузургони араб марди сахӣ ва баландназар дар давраи пеш аз ислом ҷавонмарду бахшанда буд ва араб дар сахо ва карам бад – ӯ масал мезаданд. Ӯ яке аз саховатмандтарини он даврон буд, ки саховатмандии вай дар тамоми ансори дунё печидааст. Номи комили вай «Ҳотами бини Абдуллоҳ бини Саъд бини Алҳашарҷ бини Амри-алқайс» машҳур ба «Ҳотами Тойи» буд. Ӯ аз қабилаи Тай яке аз қабилаи машҳур шабеҳи ҷазираи Арабистон буд. Ҳамчунин вай яке аз шуарои фаъоли асри ҷоҳилият буд. Қунияи вай «Аббосфоннаъ» ва «Абоъиди» буд. Ва дорои девони шеъре мутабоъ ба номи девони Ҳотами Тойи мебошад.

Ҷавонмардии Ҳотам амали хайр аст. Амалест фақат амал на ҳарф. Ҳар амале, ки аз тарафи Ҳотам ба вуқӯъ мепайвандад маҳз ба тарғиби афкору омоли ҳайратафзои ойини ҷавонмардӣ сурат мегирад. Дар ҳаракатҳои ҷаззобонаи Ҳотам ин амри қотеъ ба хотири дӯстдории ҳамхелон ва бидуни андешаи подоши амал рух додааст.

Ровӣ Мир Ашрафи Рамузӣ дар «Ҷомеъ-ул ҳикоёт»- и хеш дар баёни таваллуди Ҳотам овардааст, ки Ҳотам бинни Тай бинни Каҳлон бинни Син бинни Нахшаб бинни Қаҳтон бинни Ҳуд аст.

…Вақте падари Ҳотам подшоҳиро аз дасти падари худ мегирад , лашкар ҷамъ намуда тамоми мамлакати арабро дар тасаруфи худ медарорад. Ва дар адлу инсоф овоза баровarда. Мулки арабро ободон намуда ва аз атрофу ҷониб бузургону хубону таҷрибакоронро дар хидмати худ ҷалб намуда, суҳбат меорост ва **дар яке аз ин суҳбатҳо сифати ҳусни духтари Адан дар миён оварда мегуфтанд. Тайро ҳавою рағбати ӯ гирифт. Ӯро ба даст оварда, дар ақди худ даровард** ва аз ӯ писаре ба дунё омад, ки рӯй ба монанди офтоби ховар. Номи ӯро Ҳотам гузоштанд. Тай ҷамъи ҳакимону мунаҷҷимонро талабида толеи ӯро диданд ва гуфтанд ки подшоҳи ҳафт кишвар мешавад ва дар кори бериё барои муҳибон ҷонбозӣ мекунад ва номи ӯ то қиёмат дар олам машҳур ва равшан мемонад.

**Модари Ҳотам**

Навиштаанд, ки ӯ ин суннати олиро аз модараш « عتبه«Итиба духтари «Афиф» (عفيف) ба ирс бурда буд, зеро бо вуҷуди сарват ва маканати фаровон ҳар чӣ ба дасташ меомад ба мискинон ва мустамандон мебахшид. Касонаш уро аз ин кор манъ карданд, чун суде набахшид, уро як сол зиндонӣ карданд ва хӯрок ба қадри рафъи гуруснагӣ ба ӯ мерасониданд. Баъд аз як сол аз банд озодаш карданд ва қисмате аз амволашро барояш дар ихтиёраш гузоштанд. Қазоро рӯзе зани мустаманде ба вай муроҷиат кард ва чизе аз ӯ хост. «Итиба» тамоми аъмолашро ба он зани мустаманд бахшид ва гуфт: Як сол ки дар он

сахтӣ ба сар бурдам аҳд кардам, ки чун берун оям чизе аз касе дареғ надорам. Ҳотам аз чунин модар зода шуда буд:

Дар ҳаёти Ҳотам махсусан нақши модари Ҳотам хеле ҷолибу андарзбахш аст. Нақши модаре, ки дар ин ҳикоя баён мегардад, нақши танҳо як модари оддӣ нест, балки модарест, ки дар баробари модари мушфиқ будану дӯст доштани фарзанд дар рои пешакардаи ӯ ҳаммаром аст. Ин ҳолатро дар ҳикояе, ки баъд аз вафоти Ҳотам аҳли қабилаи Той хостанд, ки бародари ӯро ба ҷои Ҳотам бигуморанд, дида мешавад. Ҳарчанд ки фарзанди дигарашро аҳли қабила ба ҷои Ҳотам нишонда бошанд ҳам, ӯ рад мекунаду далел меорад: « Андешае, ки дар боби бародари Ҳотам бигзоред, ки аз ӯ таваққуи ҳотамият натавон кард, зеро Ҳотам баъд аз валодат шир аз пистони ман нагирифт, то вақте ки кӯдаки бегонаро шир додам ва ин писар як пистон дар даҳон дошту дигари дар даст буд, то кӯдакони дигар набинанду аз он шир нахӯранд. Аз чунин касе ҳотамӣ кай ояд?! Ин писарро ба сурат ба Ҳотам мушобиҳате тамом аст ва ба маънӣ бо ӯ мухолифате тамом аст:

Гавҳари пок бибояд, ки шавад қобили файз,
В-арна ҳар санги сияҳ лаъли Бадахшон нашавад.

Дар гуфтори модар ҷиҳати фардӣ ва фитрии саховати Ҳотам ошкоро маълум аст. Яъне, то дар замири инсон зарраҳои тобони ойини ҷавонмардӣ, фитрӣ нанҳуфта бошад, ӯ дар ин ҷода мукаммалу мушаххас намегардад.

**Бародари Ҳотам**

Ҳикояти Фазли Нажод ва бародари Ҳотами Тойӣ

Ҳама ҳикояти маъруфи бародари Ҳотамро шунидаанд, ки мехост мисли бародари худ машҳур шавад, аммо роҳе барои ин кор пайдо намекард, то рӯзе тасмим гирифт дар оби Замзам пешоб кунад, то номаш бар таърих бимонад ва худ ин корро кард ва номи ӯ дар таърих монд.

Бародари Ҳотам охирин фарде набудааст, ки аз шиддати беҳунарӣ ва худгумбинӣ суроғи чоҳи шарифи Замзам мераванд ва пешоби худро дар чоҳ мерезанд, то бад – ин васила шуда номи худ дар миёни номоварон дарҷ кунанд.

**Духтари Ҳотам Сафона**

Сафона духтари Ҳотами Той, ки асири мусулмонон шуда буд, мегӯяд:

Рӯзе расули Худо (С) аз иқоматгоҳи мо мегузашт. Ман бархостам то дархосте кунам, аммо умедвор ба пазириш набудам.Ногоҳ марде аз пушти сари паёмбар ба ман ишора кард, ки сухани худро бигӯ . Ман ба он ҳазрат гуфтам. Падарам аз дунё рафта ва он кас, ки бояд ба назди шумо биёяд, гурехтааст. Акнун ба ман миннатгузор, то ман худованди туро машмули иноёти хеш қарор диҳам.

Пайямбар ба ман фармуд: - Ман ба озодии ту мувофиқат кардам, аммо барои рафтан шитоб макун, то шахсе мавриди итминон аз қавмат пайдо шавад ва туро ба ӯ биспорам.

Паямбар, ки рафт аз касе пурсидам: - Он ҷавонмарде, ки дар пушти сари паёмбар мерафт, кӣ буд? Гуфтанд: - Алӣ буд.

Чанд рӯз баъд гурӯҳе мутмаъин аз қабилаам пайдо шуданд ва паёмбар микдори либос ва харҷи роҳ ва маркабе ба ман дод ва маро бо онҳо равона кард ва ман ҳам худро ба Шом расондам:

Саъдӣ Шерозӣ ин лаҳзаро дар ҳикояте аз «Бӯстон» чунин овардааст

Шунидам, ки Тай дар замони расул
Накарданд маншури имон қабул.
Дар он қавм боқӣ ниҳоданд теғ
Ки ронанд селоби хун бе дареғ.
Фиристод лашкар баширу назир,
Гирифтанд аз эшон гурӯҳе асир.
Ба зорӣ ба шамшерзан гуфт зан:
«Маро низ бо ҷумла гардан бизан!
Бифармуд куштан ба шамшери кин,
Ки нопок буданду нопокдин.
Мурувват набинам раҳоӣ зи банд
Ба танҳову ёронам андар каманд.
Зане гуфт: «Ман духтари Ҳотамам,
Бихоҳед аз ин номвар ҳокимам.
Ҳаме гуфту гирён бар аҳволи Тай,
Ба самъи расул омад овози вай.
Карам кун ба ҷони ман, эй муҳтарам,
Ки мавлои ман буд зи аҳли карам».
Бубахшуд он қавму дигар ато,
Ки ҳаргиз накард **аслгавҳар** хато.
Ба фармони пайғамбари некрой,
Кушоданд занҷираш аз дасту пой.

**Дар боби эҳсон «Ҳикояти қабилаи Тай дар замони расул»**

**Ҳамид -писари Ҳотами Той**

Аз ёддоштҳои писари Ҳотами Той –Ҳамид:

Баъд аз марги Ҳотами Той бо зуҳури ислом писараш Ҳамид аз бузургони қабилаи Тай буд. Ва раёсати қавми худро бар уҳда дошт. Ӯ ки таркибе аз ойини тарсо ва масеҳиятро пайравӣ мекард, мегӯяд:

Дар миёни араб касе ба андозаи ман аз расули Худо (С) безор набуд. Ба ҳамин хотир дар соли нуҳуми ҳиҷрӣ, ҳангоме, ки худро дар баробари хатари артиши мусулмонон дидам. Нақшае барои фирор омода кардам. Ба ғуломи худ, ки шутуронамро мечаронд, гуфтам: Аз миёни шутурони ман чанд шутури тундрав ва фарбеҳ интихоб кун ва онҳоро дар наздики хонаи ман нигаҳдорӣ намо. Ва ҳангоме ки сарбозони Муҳаммад наздик шуданд, маро хабар кун. Ғулом чунин кард ва дере наёмад ки ба ман гузориш дод, ки парчамҳои лашкари исломро аз дур дидааст. Шутуронро, ки овард, хонаводаамро савор кардам ва ба сӯи Шом, ки сарзамини ҳамкешони ман буд, роҳӣ шудам. Аммо чунон аҷала кардам, ки хоҳарам, яъне духтари Ҳотамро натвонистам бо худ бибарам.

Ҳамид мегӯяд: Хоҳарам, ки ба Шом расид он қадар аз меҳру муҳаббати паёмбар сухан гуфт, ки бо худ гуфтам боисти биравам ва Ӯро аз наздик мушоҳида кунам.

Бо он ки душмани фирории пайамбар ба ҳисоб меомадам, аммо раҳсипори Мадина шудам ва худро ба масҷиди Набавӣ расонидам ва ба

хидмати Ҳазрат шарафёб шудам. Худро, ки муъарифӣ кардам, аз ҷой бархост ва дасти маро гирифт ва ба хона бурд.

Дар миёнаи роҳ пиразане бо ҳамроҳи кӯдаке омад ва аз Ӯ дархосте кард. Паёмбар замони тӯлоние дар он ҷо истод ва бо ӯ сухан гуфт. Бо худ гуфтам: - Ба Худо савганд ин мард даъвии подшоҳӣ надорад. Расидагӣ ба кори пирзан ба тамом шуд, ба хонаи ишон рафтем, тӯшаке дар он ҷо аз дастархони хурмо буд, ки ҳазрат бароям паҳн кард ва манро ба рӯи он нишонд. Аммо худ бар рӯи замин нишаст.

Пеши худ гуфтам: - Ба Худо ин рафтори салотин ва подшоҳон нест.

Ӯ бо ман дар мавриди ислом сухан гуфт ва ба ман фармуд: Ислом биёвар, то саодати ду ҷаҳонро дарёбӣ, аммо ман гуфтам: -Ман дин дорам ва худопарастам.

Ҳазрат фармуд: -Ман аз дини ту огоҳтар аз ту ҳастам. Магар ту аз мардуми худ як чаҳорум суди ҳар касро намегирӣ? Бо ин ки ин кор дар ойини ту норавост? Ислом биёвар то растагор шавӣ.

Он чӣ, ки боиса буд, гуфтам ва он чӣ ки шоиста буд шунидам ва яқин кардам, ҳамин аст пайамбаре, Масеҳ аз он хабар додааст. Ба Ӯ имон овардам ва аз пайравонаш гардидам.

Дар даврони ҳукумати амиралмӯминин Алӣ бинни Абӯтолиб алайҳи салом ният ва азамати шахсияти Ӯ бештар ҳувайдо шуд, зеро аз истиқрори ҳукумати адлу Алавӣ чандон нагзашта буд, ки дунёхоҳии Талҳа ва Забир бухрон офарид: -Он ду ҷанги «Ҷамал»ро ба роҳ андохтанд. Ҳазрат барои саркӯбии паймоншиканон сипоҳе фароҳам сохт ва омодаи ҳаракат ба сӯи Ироқ гардид. Дар ин ҳангом Ҳамид бо маҳосини сафед ва чеҳраи мусаммам ба по хост ва гуфт:

- Эй амири мӯъминон! Агар иҷозат диҳӣ, ман зудтар аз шумо ҳаракат кунам ва қабилаамро аз тасмими шумо бохабар созам, шояд битавонам ба теъдоди сипоҳиён, ки ба Мадина фароҳам сохтаӣ, аз қабилаи Тай сарбоз таҳия кунам.

Алӣ (а) ба ӯ иҷоза дод ва Ҳамид низ бо сипоҳи анбуҳ аз қабилаи Тай ба пайкори мунофиқон ва ошӯбгарон шитофт. Дар ҳамин ҷанг буд, ки чашми Ҳамид шикофта шуд.

Дар «Сақайн» шаҳоматҳо аз худ нишон дод. Ва дар ҷараёни ҳамин ҷанг буд, ки ҳар се писари Ӯ ба шаҳодат расиданд. Он гоҳ, ки ба пешниҳоди Аъмиралмубин (مروين) ъос (عاص) лашкариёни Маъовия қуръонҳоро бар сари найзаҳо карданд ва ба мушоҳидаи ин саҳна бисёре аз соддалавҳон фиреб хӯрданд ва байни сипоҳи Алӣ (а) ихтилоф рӯй дод, Ҳамид бо суханони худ ба дифоъ ба амири мӯъминон дар баробари хориҷ бархост.

Ин ҳолатро дар ҳикояе, ки баъд аз вафоти Ҳотам аҳли қабилаи Той хостанд, ки бародари ӯро ба ҷои Ҳотам бигуморанд, дида мешавад. Модар бо ҷиддият ва қатъият номзадии писари хурдиашро ба ҷонишинии Ҳотам рад мекунад.

Бародари ҳамхуну ҳамшири Ҳотам, ки мехост ҳотамвор саховат кунад, чун дар ҷавҳари улвияш ин хосияти ахлоқӣ мавҷуд нест, натавонист, ки аз санҷиши модари хеш берун ояд.

***Диёри Ҳотами Той***

Қавми Ҳотами Тойӣ мобайни ду кӯҳ, ки ба номҳои (Билод-алҷаблин) Билодҷаблин (ъаҷо ва салмӣ) маъруф буд, сокин шуда буданд, ки баъдан номи он ба диёри Ҳотами Тойӣ (ё манзили Ҳотами Тойӣ) табдил мешавад. Акнун рустои **Таврон ( توران )** ном дорад. Дар минтақаи Ҳоил дар шимоли Арабистони Саудӣ воқеъ шудааст. Ҳамчунон ба (қарияи Ҳотами Тойӣ) низ маъруф аст. Ва дар ин макон мезистааст ва дар ҳамин ҷо низ падруди зиндагӣ гуфтааст. Ҳанӯз қабри вай дар пояи кӯҳҳои Таворун (Тӯъорун?) мавҷуд аст ва зиёратгоҳи мардум аз дохил ва хориҷи Арабистон мебошад. Ҳотами Той пеш аз ислом бар диёнати масеҳият мезистааст ва дар соли 605 мелодӣ мурдааст. Вай аз қабилаи Тай буд. Боқимондаи осори қасри вай ҳамчунин осори (اجاق ) учоқи ғазопазии вай, ки ба учоқи ғазоии Ҳотам маъруф аст, ҳанӯз дар пояи кӯҳ мавҷуд ва боқӣ мондааст.






Роҳ ба сӯи манзили Ҳотами Той






Қасри Ҳотами Той





Қасри Ҳотам Даруни кохи Ҳотам

Кӯҳи мавзеи Ҳотам






Дарвозаи қабри Ҳотами Той





Мавзеи зисти Ҳотами Той

Қабри Ҳотам



Муҳтавои қабри Ҳотам



Кӯҳи Эҷо ( أجا)

Мавқеияти рустои Таворун ( توارن )

Рустои «Таворун» дар 68 километри шимоли ғарбӣ «шаҳри Ҳоил» воқеъ шудааст. Ин русто дар самти шимолии кӯҳи « أجاً» Эъҷо қарор дорад. Русто навбунёд аст ва роҳи вуруди он осфолт (асфалт) аст. Аммо рустои қадимие, ки ба номи «Диёри Ҳотами Той» ё( Манзили Ҳотами Той ) маъруф аст, дар самти ҷанубии кӯҳи «Иъҷо» воқеъ шудааст, 8 километр аз рустои тоза эҳдоси Таворун фосила дорад, ки ин роҳ ба сурати шоссе (شوسسه ) мебошад. Рустои қадимӣ ё «Диёри Ҳотами Тай «, ки аз чаҳор тараф кӯҳ онро иҳота намудааст ва танҳо як роҳи вуруд аз самти шимол дорад.

Ин русто дорои оби зеризаминии бисёр ширин аз чанд водӣ ва дарёҳои гуногун аст. Атрофи дарраҳо мамлу аз дарахти нахли хурмо, дарахтони кӯҳистони самар ва кунору саълм аст. Сокинони рустои қадимӣ ба амри давлат ба рустои ҷадиди Таворун мунтақил шудаанд. Ва ба ҳар хонавода як маскани ҷадид эҳдо шудааст. Рустои қадимӣ ҳам акнун ба ҳолати нимвайрон, ки боқӣ мондааст.

**Ҳотам маҳорати шеъру** шоирӣ низ доштааст. Девони ашъори ӯ дар соли 1872 милодӣ дар Лондон чоп шуд. Мавзӯи ин ашъор бештар дар маворди саховат ва кушодадастӣ ва фурӯтанӣ аст.

Ҳусайн Воизи Кошифӣ низ шарҳи зиндагии ӯ ва корҳои уро ба ихтисор ва осори уро дар рисолеа бо номи « Ҳотамия» оварда, ки дар Теҳрон ва Пориж чоп шуда.

Яке аз ҳадиси Пайямбарамон гувоҳ бар он аст, ки Ҳотам шахсияти афсонавӣ набуда, шахсияти таърихӣ мебошад.

Қола расул-л-лоҳи (сала-ллоҳу ъалайҳи ва салам) : таассафту ъало мавти арбаъатин мин -ал-куффор: ъало Анушервона лиадлиҳи ва ъало Ҳотам-ит-Той лисаҳоватиҳи ва ъало Имра-ил- Қайси лишеъриҳи ва ъало ъами Абӣ Толибин либирриҳ.

Яъне- Расулуллоҳ (саллаллоҳи ва салам)

Расули Оллоҳ (С) мефармояд: -«Бар марги чаҳор аз кофирон таассуф хӯрдам: бар Нӯшервон аз барои адлаш ва бар Ҳотами Той аз барои саховаташ ва бар Имраулқайс аз барои шеъраш ва бар амакам Абӯ Толиб аз барои эҳсонаш». Умари Хайём гуфтааст:

То дар тани туст устухону рагу пай,
Аз хонаи тақдир манеҳ берун пай.
Гардан манеҳ , ар хасм бувад Рустами Зол,
Миннат макаш, ар дӯст бувад Ҳотами Тай.


**Адабиёт**

1. Ҳотами Тай. Девони ашъор. - Лондон. 1872.
2. Шайх Рӯзбеҳони Буқлии Шерозӣ. Шарҳи шатҳиёт.- Теҳрон, с.1995, С. 45.
3.Тақвӣ Иброҳим; Ҳотами Той, нашри Ашк.1386. Шобук:-978.39-2687-964;
4. Ҳусайн Воизи Кошифӣ. Ахлоқи Мӯҳсинӣ.- Душанбе: Адиб, 1991.- С. 168
5. Саъдии Шерозӣ. Куллиёт, ҷ.4. Бӯстон. – Душанбе: Адиб, 1990, С. 111.



**КАЛАНДАРОВА Д.**


## КТО ЕСТЬ ХОТАМ ТОЙ? РЕАЛЬНОСТЬ И ЛЕГЕНДА О ХОТАМЕ ТОЕ?


Образ Хотами Тойа как личности в академической и исторической, в том числе и литературном и фольклоре Арабского и Аджамского народов сохранилось от доисламских до наших времен. В творчествах людей сохранившихся до наших времен часто встречаются выдуманные и исторические фигуры знаменитых людей, которые стали известными совершая полезные и злобные дела.

Хотами Той был сыном Абдуллох бини Саад бини Макани, известного как Абусафота из племени Тай, который жил в 6 веке до прихода Ислама. Он был щедрым и благородным человеком.



**Ключевые слова:** исторический, щедрость, Арабский и источник



**KALANDAROVA D.**


## WHO EATS HOTAMI TAY? HOTAMI TAY’S REALITY AND MYTHS ABOUT MOTHER-LAND


Hotami Tay’s image as a person has entered the scientific/ academic and historical texts as well as in Arab and Ajam literary and fork tales since pre-Islamic up to our time. We can encounter famous historical as well as imaginary characters in people’s creations, in both historical and literary sources who became famous for beneficial and/ or infamous for villain actions, and which survived up to our time.

Hotami Tay was the sone of Abdulloh binn Sa’d binni Makani, known as Abusafota from Tay tribe, who lived six centuries prior to the advent of Islam. He has been a generous and virtuous man.



**Keywords:** historical, generosity, Arab, sources.